*Ба Шурои диссертатсионии 6D.КОА-014-и назди Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон. Суроға: 734067, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш. Душанбе, кӯчаи Нахимов 64/14.*

***ТАҚРИЗ***

***ба автореферати диссертатсия Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи "Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", ки барои барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз пешниҳод гардидааст.***

Дар шароити ҷаҳонишавӣ ва рушди иқтисоди рақамӣ мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ яке аз самтҳои муҳими сиёсати иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Баланд бардоштани сифат ва самаранокии хизматрасониҳои бонкӣ ба рушди бозори молиявӣ, ҷалби сармоя, баланд шудани сатҳи фарогирии молиявӣ ва таъмини рушди устувори иқтисоди миллӣ мусоидат менамояд. Аз ин рӯ, фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ бояд ба татбиқи технологияҳои муосир ва истифодаи воситаҳои рақамӣ равона карда шавад.

Яке аз самтҳои асосии мукаммалгардонӣ рушди хизматрасониҳои рақамӣ мебошад. Тавсеаи низоми бонкдории мобилӣ ва интернетӣ, истифодаи пардохтҳои электронӣ ва QR – пардохтҳо имконият медиҳад, ки хизматрасониҳо бо суръати бештар, хароҷоти камтар ва сатҳи баланди амният пешниҳод гарданд. Ҳамзамон, такмил додани инфрасохтори пардохт, зиёд намудани шумораи банкоматҳо ва терминалҳои электронӣ, инчунин густариши шабакаи хизматрасониҳои фосилавӣ ба беҳтар гардидани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои бонкӣ мусоидат мекунад.

Баланд бардоштани саводнокии молиявии аҳолӣ ва таҳкими ҳифзи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасониҳои молиявӣ мебошад. Баланд шудани сатҳи донишҳои молиявии шаҳрвандон истифодаи самараноки маҳсулоти бонкиро таъмин намуда, эътимоди ҷомеаро нисбат ба низоми бонкӣ афзоиш медиҳад. Дар баробари ин, такмили заминаи ҳуқуқӣ, тақвияти низоми идоракунии хавфҳо, баланд бардоштани шаффофияти фаъолияти бонкҳо ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии хизматрасонӣ барои рушди рақобатпазирии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти калон доранд. Татбиқи пайгиронаи ин самтҳо метавонад ба баланд гардидани сифати хизматрасониҳои бонкӣ, таҳкими

устувории низоми молиявӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар мусоидат намояд.

Дар автореферат муаллиф мақсад, вазифаҳо, объекти таҳқиқот, асосҳои назариявӣ ва методологии таҳқиқотро ба таври мантиқӣ ва пайдарпай пешниҳод намудааст. Дар раванди таҳқиқот вазъи кунунии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлили амиқ қарор гирифта, омилҳои асосии таъсиррасон ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ муайян карда шудаанд. Ҳамзамон, таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар самти рушди хизматрасониҳои бонкӣ омӯхта шуда, имконияти истифодаи онҳо дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон асоснок гардидааст.

Навгонии илмии таҳқиқот дар таҳияи равишҳои муосир оид ба такмили низоми хизматрасониҳои бонкӣ ва рушди самтҳои асосии он дар шароити тақвияти муносибатҳои молиявию иқтисодӣ таҳия гардида ва дар ин замина механизми тақвияти минбаъдаи низоми хизматрасониҳои бонкӣ таҳияи шудааст.

Натиҷаҳои бадастомада метавонанд барои такмили сиёсати мукалалгардони низомҳои хизматрасониҳои бонкии ва баланд бардоштани сатҳи фарогирии молиявии аҳолӣ истифода мешаванд.

Муаллиф зимни таҳқиқот аз усулҳои таҳлил, муқоиса, ҷамъбаст, баҳодиҳии иқтисодӣ ва усулҳои оморӣ истифода намуда, ба ин васила эътимоднокии хулосаҳои илмиро таъмин кардааст. Асоснокии натиҷаҳо бо истифодаи маълумоти оморӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҷрибаи фаъолияти ташкилотҳои молиявии ватанӣ ва хориҷӣ тақвият дода шудааст.

Аҳамияти амалии таҳқиқот дар он ифода мeёбад, ки тавсияҳо ва пешниҳодҳои пешниҳодшуда метавонанд ҳангоми таҳияи стратегияҳои рушди хизматрасониҳои бонкҳо, барномаҳои бокии ва механизмҳои танзими он дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ мавриди истифода қарор гиранд. Инчунин натиҷаҳои таҳқиқот метавонанд дар раванди таълимии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ барои таълими фанҳои марбут ба бонкдорӣ ва иқтисоди рақамӣ истифода шаванд.

Муаллиф дуруст қайд менамояд, ки омили калидии рушди низоми хизматрасониҳои бонк арзёбӣ гардидааст, ин тартиби пешниҳод ва дастрасии аҳолӣ ба маҳсулотҳои бонкӣ муайян карда шудааст. (саҳ 14)

Дар автореферати диссертатсия муаллиф қайд менамояд, ки зарур аст, ки таҳияи низоми мушаххаси пешниҳоди маҳсулотҳо метавонад, ки барои тақвияти минбаъдаи бозори хизматарсониҳо замина фароҳам оварад ва дастрасии аҳолиро бештар гардонад. (саҳ 16)

Муаллиф хело хуб таъкид кардааст, ки тадриҷан ва ба таври суръатнок коҳиш ёфтани шумораи ташкилотҳои қарзӣ, натанҳо метавонад ба низоми хизматрасониҳои бонкӣ таъсири манфӣ дошта бошад, инчунин падидаи мазкур ба рушди иқтисоди миллӣ, соҳаҳои мухталифи низоми хоҷагидории мамлакат ва тақвияти бозори молиявӣ монеа эҷод менамояд. (саҳ 19)

Унвонҷӯ дар диссертатсия қайд намудаст, ки мавқеи ҷойгиршавии банкоматҳо дар минтақаҳои кишвар ба таври нобаробар арзёбӣ мегардад ва ин омил сабаб мегардад, ки аҳолӣ аз аксари маҳсулотҳои бонкӣ бехабар монад ва аз истифодаи хизматрасониҳои бонкӣ маҳрум гардад равиши методологии бунёди низоми маркетинги рақамӣ дар бонкҳо асоснок карда шудааст, аз ҷумла принсипҳои фардикунонӣ, бисёрканалӣ, таҳлили рақамии муштариён ва ҳамгироии платформаҳои рақамӣ. (саҳ 25)

Мундариҷаи автореферата таҳқиқоти диссертатсионӣ бо истифодаи принсипи пайдарҳамии мантиқӣ таҳия гардида, ба талаботи таҳияи рисолаҳои номзадии аз тарафи Комиссиям олии аттестатсионии назди Президента Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳодгардида, мувофиқ мебошад.

Автореферата диссертатсяи мазкур дар сатҳи илмӣ таҳия гардида, пайдарпайии пешниҳоди мавод, мустакилияти муаллиф дар тавзеҳоти ҷанбаҳои назариявию методологӣ ва ташкилию амалии равнақи мукамалгардони низоми хизматрасониҳои бонкии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон эҳсос карда мешавад. Заминаҳои илмию амалии диссертатсия эътимоднок мебошанд ва дар он усулҳои муосири илмӣ истифода шудаанд, ки ба мақсади гузошташуда мувофиқат менамояд. Навгониҳои илмӣ ва натиҷаҳои дар автореферата диссертатсия бадастомада бо матни диссертатсия ҳаммаъно буда, аз вазифаҳои гузошташуда сарчашма мегиранд. Нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда асоснок буда, моҳияти рисолаи илмиро фаро мегиранд. Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот бо истифодаи усулҳои махсус дар рафти иҷрои таҳқиқот, боэътимодии маълумот, ҳаҷми кифояи маводи таҳқиқшуда, коркарди омории натиҷаҳои таҳқиқот, интишорот, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмию амалӣ тасдиқ шудааст.

Хулоса ва тавсияҳо бо таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалиявӣ асос ёфтаанд. Ҳамаи хулосаҳои пешниҳодшуда фарогири натиҷаҳои илмии таҳқиқот буда, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо дар асоси таҳлили муносиби маводи таҳқиқӣ омода карда шудаанд.

Аз ҳамин нуқтаи назар метавон чунин хулоса баровард, ки таҳқиқотии диссертасионии Олимбекзода Фахрия Олимбек аҳаммияти муайяни илмию

амалӣ дорад. Махсусан, имконияти истифодашавандагӣ доштани натиҷаҳои таҳқиқот барои ҳалли масъалаҳои равнақи мукамалгардони низоми хизматрасониҳои бонкии дар Ҷумҳурии Тоҷикистон зоҳир мегардад.

Новобаста ба паҳлуҳои мусбат дар автореферата тақризшаванда чунин камбудӣ низ ҷой дорад:

1. Агар муаллиф таҷрибаи муқоисавии кишварҳои пешсафро дар самти хизматрасониҳои бонкии васеътар таҳлил намуда сифати кор хубтар мешуд;
2. Сифати кор хубтар мешуд агар муаллиф таъсири технологияҳои нав, аз қабили зеҳни сунъӣ ва таҳлили маълумоти калон (Big Data)-ро ба рушди хизматрасониҳои бонкӣ муфассалтар арзёбӣ менамуд.

Қобили қайд аст, ки камбудии пешниҳод гардида хислати ҷузъӣ дошта, мазмун ва баҳои воқеии таҳқиқоти диссертатсиониро тағйир намедиҳад.

Аз автореферат бармеояд, ки таҳқиқиоти диссертатсионии Олимбекзода Фахрия Олимбек дар мавзуи "Самтҳои асосии мукаммалгардонии низоми хизматрасониҳои бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон", дорои арзиши илмию амалӣ буда, ба талаботи "Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ", ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, ба пуррагӣ ҷавобгӯӣ буда, муаллифи он сазовори дараҷаи илми номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 5.2.17 – Молия, муомилоти пулӣ ва қарз мебошад.

**Тақриздиҳанда:**

Ректори Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав,
доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор Қурбонзода М.Р.

Имзои д.и.и., профессор Қурбонзода М.Р. – ро тасдиқ менамоям:

Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

**Суроға:** Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
735140, шаҳри Бохтар, кӯчаи Айнӣ, 67. btsu78@mail.ru
**Телефон:** +992 3322) 2-45-20, 2-22-53.